Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия»**

Аҳамият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқот шубҳае ба миён намеорад. Дар шароити афзоиши раванди ҷаҳонишавӣ, ноустувории вазъи геополитикӣ ва иқтисодӣ, махсусан барои кишварҳое, ки дар давраи гузариши иқтисодиёт, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор доранд, масъалаи воридотивазкунӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва рушди истеҳсоли дохилии маҳсулот, ки амнияти озуқавориро таъмин мекунад, аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии миллӣ ба шумор меравад. Дар ин замина, баррасии ҷанбаъҳои назариявию методологӣ ва амалии стратегияи воридотивазкунӣ дар мисоли бозори маҳсулоти гӯшт ва шир як таҳқиқоти илмии асоснок ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки дар рисолаи диссертатсионии Ҳамдамзода Хурсанд Акбар ҷанбаъҳои асосии ташаккул ва татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ дар комплекси агросаноатӣ ҳамаҷониба таҳқиқ шудаанд. Муаллиф амсилаи консептуалии аслии воридотивазкуниро пешниҳод намуда, парадигмаҳои рушди соҳаи кишоварзиро бо таваҷҷуҳ ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва рақобатпазирӣ баррасӣ карда, ҳамчунин, механизмҳои ташкиливу иқтисодии дастгирии истеҳсоли дохилии маҳсулоти гӯшт ва шир асоснок гардидаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули кластерҳои воридотивазкунӣ, арзёбии самаранокии сиёсати давлатӣ ва пешгӯии рушди соҳа бо истифодаи амсилаҳои математикӣ-иқтисодӣ ифода меёбанд. Ҷолиб он аст, ки муаллиф ҳамгироии унсурҳои муносибати кластерӣ, воситаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди инноватсионӣ ва рақамии агробизнесро муттаҳид менамояд. Ба механизмҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи чорводорӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, ки самаранокии амалӣ ва аҳамияти таҳқиқотро зиёд менамояд.

Афзалияти муҳимми кор дар истифодаи маводи фаровони эмпирикӣ ва таҳлили амиқи маълумоти оморӣ, аз ҷумла дар сатҳи минтақавӣ (вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ ва ғ.), дар баробари ин, дар асосноккунии стратегияҳои ҳадафнок дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ва ба эътибор гирифтани чолишҳои замонавӣ, ба монанди тағйирёбии иқлим, хатарҳои таваррум ва таъсири пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёти кишвар ифода меёбад.

Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ тавассути истифодаи васеи усулҳои муосири таҳлил, аз ҷумла амсилаҳои коррелятсионӣ-регрессиявӣ, арзёбии экспертӣ, унсурҳои муносибати системавӣ ва муқоисавӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳои овардашуда дар автореферат мантиқӣ, асоснок ва бо маълумоти мушаххас исбот шудаанд. Тавсияҳои таҳиянамудаи муаллифро метавон дар сиёсати иқтисодии давлатӣ, таҳияи барномаҳои соҳавӣ ва инчунин дар раванди таълим мавриди истифода қарор дод.

Сохтори кори илмӣ ба мантиқи таҳқиқоти илмӣ мувофиқ мебошад. Дар он масъалаҳои гузошташуда пайдарпай ҳал гардида, ҳадаф ва фарзия рӯшан ифода ёфта, принсипҳои татбиқи стратегияи воридотивазкунӣ ба таври муфассал баён шудаанд. Муқаррароте, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, дорои аҳамияти

назариявӣ ва амалӣ буда, сатҳи баланди зиракии илмии довталабро нишон медиҳанд.

Кор ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои докторӣ пурра мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори ба даст овардани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Автореферати Ҳамдамзода Хурсанд Акбар мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро бо дараҷаи баланди коркарди амиқи илмӣ, навовариҳои назариявӣ ва аҳамияти амалӣ инъикос менамояд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии пешниҳодшуда дар рушди назария ва амалияи воридотивазкунӣ дар комплекси агросаноатӣ саҳми назаррас мегузоранд.

**Муқарриз:**
**Профессори кафедраи «Иқтисодиёти инноватсионӣ»-и**
**Донишгоҳи давлатии техникии Қарши,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор / имзо / Р.Х. Эргашев**

Суроға: 180119, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш Қарши, кӯч. Мустақиллик, хон. 228,1.
Тел.: (998-75)221-09-23: Факс: (998-75)224-00-95.
Сомона: kstu@kstu.uz

Имзои д.и.и., профессор Р.Х. Эргашевро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои «Донишгоҳи давлатии техникии Қарши»

**Тарҷума дуруст аст.**

Дурустии тарҷумаро тасдиқ менамоям,
мудири Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Болтаев М.А.
20.08.2025